**Солим будан – ин хушбахт будан, ҳаловат гирифтан аз зиндагист. Бинобар ин барои тавлид ва идомаи насли солим шахс бояд кӯшиш намояд.**

## НОМГӮИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТИББӢ:

– Расонидани хизматрасониҳои тиббӣ дар соҳаи солимии репродуктивӣ ва банақшагирии оила;
– Машваратдиҳӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим;
– Машваратдиҳӣ оид ба солимии репродуктивӣ ва танзими оила;
– Машваратдиҳӣ оид ба пешгирӣ аз сироятёбӣ ба бемориҳои тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва ВНМО/БПНМО;
– Нигоҳубинии пеш аз таваллуд;
– Пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳои системаи репродуктивӣ (ташхиси ибтидоӣ);
– Машваратдиҳӣ оид ба усулҳои муосири пешгирии ҳомиладорӣ;
– Тадбиру усулҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб миёни шахсони имконияташон маҳдуд;
– Усулҳои бурдани беморӣ мувофиқ ба тартибу стандартҳои муқарраршуда.



**ШАХСОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД**
мисли дигарон ҳақи зиндагии шоиста доранд

Ҳангоми пайдо шудани саволҳо, гирифтани машваратҳо ё гузаронидани муоинаи тиббӣ оид ба масъалаҳои солимии репродуктивӣ ва танзими оила, Шумо метавонед ба суроғаҳои зерин муроҷиат намоед:

**ш.Душанбе,** Маҷмааи тиббии “Истиқлол”, х.Н.Қарабоев, бинои 54/1
Телефони мобилӣ барои тамос:
98-105-54-54, 90-439-19-79;

**ш.Хуҷанд,** ТҶ “Ҷамъияти маъюбони вилояти Суғд”, маҳаллаи 3, бинои назди Нуқтаи фурӯши сӯзишвории № 333
Телефони мобилӣ барои тамос:
92-666-00-77, 92-771-51-86;

**ш.Кулоб,** Маркази солимии репродуктивии вилоятӣ дар ш.Кулоб, к.Борбад, бинои 4
Телефони мобилӣ барои тамос:
98-581-49-49, 98-849-14-44;

**ш.Бохтар,** Ташкилоти ҷамъиятии “Дилафруз”, к.Дружба народов, бинои 66А
Телефони мобилӣ барои тамос:
90-890-00-19, 91-566-88-42;

**н.Рӯдакӣ,** Маркази солимии н.Рӯдакӣ, ш.Сомониён, к.И.Сомонӣ, бинои 72
Телефони мобилӣ барои тамос:
90-415-65-61, 77-717-79-60.



**Дастури мухтасар бо дастгирии молиявии Хазинаи Нуфуси Созмони Милали Муттаҳид чоп шудааст**

UNFPA

ИТТИХОДИЯИ МИЛЛИИ МАЪЮБОНИ ТОҶИКИСТОН

# Таъмини хизматрасониҳои босифати солимии репродуктивӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд дар давраи пандемия COVID-19



COVID-19 ОТВЕТНЫЕ ДЕЙСТВИЯ

**КОРОНОВИРУС** – ин вируси КОВИД-19 буда, сабаби пайдошавии бемории пневмония мегардад.
Бештар калонсолон ва шахсони дорои беморихои системаи дилу рагхо, диабети қанд, рохи нафас, беморихои чигару гурда ба ин бемори гирифтор мешаванд.

**РОҲҲОИ СИРОЯТЁБӢ:**
1 – ҳавои-қатрагӣ, яъне ҳангоми сулфа кардан, атса ё гап задан;
2 – бо роҳи тамосӣ.

**АЛОМАТҲОИ БЕМОРӢ:** Дар бемор аломатҳои зукоммонанд, ба монанди баландшавии ҳарорати бадан, дард ва хориши гулӯ, иллатёбии роҳҳои нафас, душвории нафаскашӣ ва сулфакунӣ, дарди мушакҳои бадан пайдо мешавад. Ҳангоми пайдо шудани аломатҳои беморӣ, бояд аз хона набаромада, ҳатман духтури тиббӣ оилавӣ ва ё ёрии таъҷилиро ба хона даъват намоед.

**ПЕШГИРИИ БЕМОРИИ COVID-19:**
✓Шустани дастон бо собун;
✓Коркарди дастон бо антисептикҳои спиртдор;
✓Бо дастони чиркин нарасонидан ба чашм, даҳон ва бинӣ;
✓Пӯшидани ниқоб ва дар давоми то 2 соат онро иваз намудан;
✓Риоя намудани масофа на кам аз 1 – 1,5 метр.



**САЛОМАТИИ РЕПРОДУКТИВӢ:**
Барои таваллуд ва тарбияи кӯдак саломатии комилии зан-модар лозим аст, ки худ боигарии бебаҳост, зеро солимии кӯдак пеш аз ҳама аз солимии модар вобастагӣ дорад. Яке аз масъалаҳои асосии самти беҳдошти солимии модару кӯдак дар ҷумҳурии мо ин солимии репродуктивии аҳолӣ ба ҳисоб меравад.
Солимии репродуктивӣ ин на танҳо надоштани ягон намуди беморӣ, балки ҳолати беҳдошти вазъияти ҷисмонӣ, фикрӣ, ва солимии системаи таносулӣ ба ҳисоб меравад. Ҳудуди синну соли репродуктивии занон аз синни 15 то 49 соларо дар бар гирифта, дар ин синну сол духтарону занон қобилияти барпо намудани оила ва тавлиди кӯдаконро доранд. Бинобар ин занону мардон дар бунёди оилаи солим бояд оилаи хешро дуруст ба танзим дароранд.

**ТАНЗИМИ ОИЛА** – ин таваллуди фарзанди дилхоҳ дар вақти мувофиқ, бо розигии зану шавҳар ва риояи фосилаҳои байни таваллуди тифл ба шумор меравад. Синну соли беҳтарин барои таваллуди кӯдаки солим аз 20 сола то 35 сола буда, байни таваллуд фосила на кам аз 2 ё 3 сол бояд риоя карда шавад.



*Танзими оила - ин фарзандони дилхоҳу солим*

Тавассути истифодабарии воситаҳои пешгирии ҳамли номатлуб, яъне контрасептивҳо зану мард метавонанд оилаи хешро дуруст ба низом дароваранд.

**САМТҲОИ АСОСИИ ТАНЗИМИ ОИЛА ИН:**
− Нигаҳдории солимии модар ва кӯдак;
− Модаршавии бехатар;
− Баланд бардоштани сатҳи саломатии занону кӯдакон;
− Устувор намудани шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии оила;
− Баланд бардоштани савияи маълумотнокии аҳолӣ оиди саломатӣ;
− Пешгирӣ намудани исқоти ҳамл бо истифодабарии маводҳои контрасептивӣ;
− Пешгирӣ намудан аз сироятёбӣ ба бемориҳои тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ВНМО ва БПНМО.

**КОНТРАСЕПСИЯ** – ин усули пешгирии ҳамли номатлуб бо истифодабарии маводҳои муосир чун контрасептивҳо ба шумор рафта, оиларо дуруст ба танзим медарорад.

**РИФОЛА** – воситаи пешгирии ҳамли номатлуб буда, истифодабариаш оддӣ аст ва он на танҳо аз ҳомиладоршавӣ, балки аз бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, ВНМО/БПНМО шахсро муҳофизат менамояд.

**ҲАБҲОИ ЗИДДИ ҲОМИЛАДОРШАВӢ** безарар буда, таъсирнокиаш хеле зиёд аст, аз бемориҳои тариқи алоқаи ҷинсӣ гузаранда занро муҳофизат намекунанд.

**МАВОДИ СӮЗАНДОРУ** – дар давраи хайзбинӣ тавассути истифода бурдани сӯзандору ҳар моҳ ё дар 3 моҳ як маротиба, метавон ҳамли номатлубро пешгирӣ намуд. Таъсирнокиаш безарар аст. Баъд аз қатъ намудани истифодаи он, зан боз метавонад ҳомиладор шавад.

**ВОСИТАҲОИ ДОХИЛИРАҲМӢ (ВДР)** таъсирнокиаш безарар буда, дар дохили бачадон метавонад то 10 сол истад. ВДР аз бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, аз ҷумла ВНМО/БПМНО ҳифз намекунад.

